Гуфторҳои

Мансури Ҳошимии Хуросонӣ

Пойгоҳи иттилоърасонии дафтари ҳифз ва нашри осори Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло

Коди гуфтор: 40

Ақойид
Шинохти халифаи Худованд дар замин
Шуъуни Мансур ва даъвати ӯ
Ва
Нишонаҳои зуҳури Маҳдӣ ва фитнаҳои охируззамон

Пойгоҳи иттилоърасонии дафтари ҳифз ва нашри осори Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло

بسم الله الرحمن الرحیم

Хутбае аз он ҳазрат ки дар он мардумро ба сӯи Маҳдӣ даъват мекунад ва аз фитнаи доъиш хабар медиҳад.

Бархӣ ёронамон моро хабар доданд, гуфтанд: Ҳазарти Мансури Ҳошимии Хуросонӣ пеш аз онки фитнаи доъиш оғоз шавад, гурӯҳе аз мардумро ба шинохти Ислом ва заминасозӣ барои зуҳури Маҳдӣ даъват мекард. Пас рӯзе дар масҷид шунид ки мегӯянд: Ӯ дурӯғ мебандад! Пас бар минбар рафт ва Худоро сутуд ва бар Паёмбараш дуруд фиристод ва сипас фармуд:

<<Ҳон эй мардум! Ба куҷо меравед ва куҷо роҳатон заданд?! Оё мепиндоред ки ман дурӯғ мебандам?! Бар чи касе?! Бар Худо?! Дар ҳоле ки бар хилофи шумо чизеро аз рӯй зан ба Ӯ нисбат намедиҳам! Оё бар халифаи Худо?! Дар ҳоле ки шуморо ҷуз ба сӯи ӯ даъват намекунам ва агар аз осмон партоб шавам бароям хуштар аз он аст ки бар ӯ дурӯғ бибандам. На ба Худо савганд, ман дурӯғ набастаам, вале аз фаҳми суханам оҷиз шудаед ва ба зудӣ ба сидқи он пай хоҳед бурд, ҳангоме ки фитнаҳо чун мавҷҳои хурӯшон шуморо дар миён гиранд ва ошубҳо чун гирдобҳои вайронгар ба шумо наздик шаванд ва касе ҷуз манро наёбед ки роҳи наҷотро ба шумо нишон диҳад. Вой бар шумо! Оё мепиндоред ки аз сари ҳамо сухан мегӯям? Дар ҳоле ки мебинед бар баййинае аз ҷониби Парвардигорам ҳастам! Ё мепиндоред ки чашме ба дунёятон дӯхтаам? Дар ҳоле ки мебинед аз шумо чизе наметалабам ва худро омоҷи тирҳои бало сохтаам! Ё мепиндоред ки бар шумо раёсат мечӯям? Дар ҳоле ки аз раёсат бар шумо ҷуз ранҷи рӯз ва бедории шаб намеёбам! На, ҳаргиз ин гумонҳоро бар ман роҳе нест. Ман ба роҳи Қуръон роҳ месупорам ва чироғи суннатро бар меафрузам ва ба сӯи Маҳдӣ фаро мехонам ва пуштибонам Худованд аст ва зудо ки мардӣ бузургшикам ва бадсиришт бар шумо мусаллат шавад ва чунон золу хунатонро бичушад ва бинӯшад. Ҳон эй бепадар! Фишори хешро бештар кун! То бидонанд ки дурӯғгӯ кист ва ростгӯ кадом аст! Ва ту эй ... [номи шаҳре] ки монанди арӯсе дар ҳиҷла оростаи! Чигуна

хоҳӣ буд?! Кош медонистам! Ҳангоме ки кунграи бурҷҳоят дар шӯълаҳои оташ месӯзад ва бодҳои ноором, хокистаратро дар ҳавои ғуборолуди ҷаҳон пароканда мегардонад. Оҳ, ки чи шабҳои баланде дар пеш аст>>!

Ва сипас аз минбар ба зер омад.

Шарҳи гуфтор:

Муроди он ҳазрат аз инки <<Бар хилофи шумо чизеро аз рӯӣ зан ба Ӯ нисбат намедиҳам>> он аст ки мардум умуман қоъил ба ҳуҷҷати хабари заннӣ ҳастанд ва бар мабнои он ақойид ва аҳкомеро ба Худованд нисбат медиҳанд ва ин нохоста ба дурӯғ бастани бар Ӯ меанҷомад, дар ҳоле ки он ҳарат бар хилофи онон, хабари занниро ҳуҷҷат намедонад ва ҷуз бар мабнои Қуръон ва суннати мутавотир ки яқинӣ ҳастанд чизеро ба Худованд нисбат намедиҳад ва аз ин рӯ, мумкин нест ки бар Ӯ дурӯғ бибандад ва сухани он ҳазрат ки <<Фитнаҳо чун мавҷҳои хурӯшон шуморо дар миён гиранд ва ошӯбҳо чун гирбодҳои вайронгар ба шумо наздик шаванд>>, хабар аз фитнаҳо ва ошӯбҳое аст ки ҳамакнун ҷаҳони Исломро фаро гирифта ва дар ҳоли густариш аст ва он ҳазрат аз пеш онҳоро медид ва муроди он ҳазрат аз инки <<Мебинед бар баййинае аз ҷониби Парвардигорам ҳастам>> он аст ки бар пояи низоми фикрӣ мушаххас ва мабонии Исломии мутқане ки дар китоби шарифи <<Бозгашт ба Ислом>> табйин шудааст ҳаракат мекунад ва чунин ҳаракате наметавонад аз рӯӣ аҳво бошад ва муроди он ҳазрат аз инки <<Мебинед аз шумо чизе наметалабам ва худро омоҷи тирҳои бало сохтаам>> он аст ки агар чашме ба дунёи мардум дошт бегумон аз онон моле металабид ва худро дар офият қарор медод, дар ҳоле ки ӯ аз онон моле наметалабад в худро дар сахттарин шароити дунявӣ қарор дода ва бо ин васф, аз чунин иттиҳоме ба дур аст ва муроди он ҳазрат аз инки <<Аз раёсат бар шумо ҷуз ранҷи рӯз ва бедории шаб намеёбам>> он аст ки раёсат бар онон, раёсатӣ иқтисодӣ ё сиёсӣ нест то барои ӯ манфиъатӣ моддӣ дошта бошад, бал як раҳбарии маънавӣ ва фарҳангӣ барои таълим ва тарбияти онон аст ки аз назари ҳокимони золим, ҷурм шумурда мешавад

ва бо ин васф, танҳо барои ӯ ранҷи рӯз ва бедории шабро ба армуғон меоварад ва зоҳиран сухани он ҳазрат ки <<Марде бузургшикам ва бадсириш бар шумо мусаллат шавад ва чунон золу хунатонро бичушад ва бинӯшад>>, хабар аз зуҳури Абубакри Бағдодӣ пешвои доъиш аст ки мардӣ бузургшикам ва бадсиришт аст ва хуни мусалмононро мерезад ва фишори худро бар онон меафзояд ва ин аз каромоти он ҳазрат ва ахбори ӯ аз оянда шумурда мешавад ва номи шаҳре ки он ҳазарт аз сӯхтани бурҷҳояш дар шӯълаҳои оташ хабар дода, бино бар бархӣ мулоҳизоти амниятӣ ва ҳассосиятҳои мавҷуд дар минтақа ҳазф шуда ва сухани он ҳазрат ки <<Чи шабҳои баланде дар пеш аст>> эҳтимолан ишорае ба тӯлонӣ шудани ин фитнаҳо ва ошӯбҳо аст ки Худованд ба раҳмати худ дӯстони он ҳазратро аз газанди онҳо ҳифз фармояд.